# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмӣ ба таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, пешояндҳо ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои муқоисаи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор рафта, то ҳол роҷеъ ба ин мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ кори таҳқиқотии мукаммале анҷом наёфтааст. Навгонии илмии таҳқиқот низ дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаи дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи англисии он бори нахуст мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешавад.

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд ва миқдорашон низ хеле зиёд аст. Бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ пешояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, ки бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо ифода менамоянд. Онҳо дар ибора ва ҷумла муносибатҳои масоҳа, замон, сабаб, мақсад, соҳибият, тарз, муқоисаю монандӣ, объект ва ғайраро нишон медиҳанд. Пешояндҳо аслан барои робитаи байни аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаи синтаксисии феълҳо ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд.

Дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, нововарии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Ҳадафи таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян ва муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва

самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мебошад.

Бунёду асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро дастовардҳои забоншиносони маъруф Фердинанд де Соссюр, Бодуэн де Куртенэ, Л. В. Шерба, А. И. Смирнитский, В. В. Виноградов, В. С. Расторгуева, Л. Р. Зиндер, В. С. Соколова, Р. Якобсон, Н. М. Шанский, А. А. Уфимсева, Л. Елмслев, С. Д. Кацнелсон, Н. С. Валгина, И. Р. Галперин, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Саймиддинов, Т. Хаскашев, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанзода, Н. Офаридаев, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, М. Ҳ. Султон, Ҳ. Саидов. О. Қосимов, З. Мухторов, С. Ҷоматов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Боби якум «Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, мафҳуми пешоянд дар забоншиносӣ, ҷойгоҳи пешояндҳо дар забони форсии бостон, таркиби сарфии пешояндҳо ва гурӯҳбандии онҳо дар забонҳои муқоисашванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Боби мазкур аз чор фасл иборат аст.

Боби дуюм «Хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он вижагиҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд. Боби мазкур шаш фасл дорад.

Боби сеюм «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шуда, дар он вижагиҳои фарққунандаи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат таҳлилу баррасӣ гардида, аз шаш фасл иборат аст.

Хулоса, рисоланавис Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар ҳарду забон сохтори грамматикии пешояндҳоро муқоиса намуда, бо мисолҳои гуногун дар сатҳи баланди илмӣ дараҷаи корбасти пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракатро дар таркиби ҷумла нишон додааст.

Дар автореферати рисолаи мазкур, дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда аҳамияти илмии рисоларо баланд менамояд:

1. Дар баъзе маврид тарҷумаи мисолҳо бо ҳарду забон муқоиса карда нашудааст;
2. Дар рисолаи илмӣ, баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда, арзиши илмию амалии рисоларо паст наменамояд, таҳқиқоти анҷомёфта мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии рисоланавис дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ фишурдаи рисолаи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии**
**забони англисии Донишгоҳи**
**милли Тоҷикистон:** **Муҳиддинова Т. Ҳ.**

*Имзои Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловнаро тасдиқ менамоям:*

**Сардори РККМ-и**
**Донишгоҳи милли Тоҷикистон:** **Тавқиев Э. Ш.**

**Ҷои кор:** Донишгоҳи милли Тоҷикистон
**Вазифа:** дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ
**Нишонӣ**: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
**Телефон:** (+992) 936-01-49-94
**E-mail:** Muhiddinova_t@mail.ru

17.04.2023.